Тақризи роҳбари илмӣ,

доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар мавзуи "Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Омӯзиши вижагиҳои маъноиву луғавӣ дар забоншиносии муосир ва махсусан дар забоншиносии тоҷик дар заминаи манбаъҳои осори ниёгон, ҳамзамон таснифи мафҳумҳои мушаххаси низоми луғавӣ, яке аз вазифаҳои афзалиятнок ва мубрами илмӣ дониста мешавад. Ҳамзамон пажӯҳишҳои бунёдӣ ва арзишманд бар он далолат мекунанд, ки яке аз роҳҳои асосии омӯзиш ва баррасии лексика таҳлили забонии асару эҷодиёти шоирону нависандагон ба ҳисоб меравад, ки дар забоншиносии имрӯз таваҷҷуҳи хоссаро тақозо мекунад.

Дар ин росто дар забони тоҷикӣ донишҳои назариявӣ дар самти муайян намудани хусусияти забон ва тарзи баён зиёд ба назар расад ҳам, омӯзиши забон ва услуби осори Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, махсусан шоҳкории ӯ – «Кимиёи саодат», то ба имрӯз аз масъалаҳои мубрам ва таҳқиқталаб дониста мешаванд ва худ Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ аз бузургтарин суханвар ва сухангустар, адибу ҳаким ва олиму ҳидоятгари басо муваффақ дониста мешавад.

Маҳз ҳамин нуктаҳо мубрамият ва муҳиммияти омӯзиши мавзуи интихобгардидаро ҳамчун таҳқиқи воҳидҳои луғавӣ дар доираи матни бадеӣ ва илмии оммавӣ дар диссертатсияи Ҷ.Х. Раҳмоналиев дар мавзуи "Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ", муайян менамояд.

Мақсад аз пажӯҳиши мазкур дар муайян намудани хусусиятҳои луғавию семантикии асари Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ «Кимиёи саодат»-ро ҳаматарафа ва ба таври муназзам дониста мешавад, ки барои амалӣ намудани мақсади мазкур вазифаҳои муҳим чун омӯзишу таҳлили

забон ва услуби баёни муаллиф дар «Кимиёи саодат», таснифи дақиқи ҳамаҷониба ва низомноки вожагони асар аз рӯйи баромади забонӣ, муайян намудани калимаҳои аслӣ ва истифодаи онҳо дар асар, таҳлили калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ ва юнонии асар ва таснифоти мавзуии истилоҳоти соҳаи дин, фалсафа, илм, сиёсат ва тиббӣ бо назардошти вижагиҳои маъноиву лексикӣ аз тарафи унвонҷӯй муваффақона ба ичро расидаанд.

Навоварии таҳқиқоти мазкур дар он дида мешавад, ки дар асоси сарчашмаҳои мавҷуда, ҳамчунин, дар асоси таҳлили матни «Кимиёи саодат» вижагиҳои забон ва услуби баёни муаллифи он дар доираи донишҳои назариявии забоншиносии муосир муайян карда шудаанд. Ҳамзамон ба таври мушаххас баромади истилоҳ ва ибораҳои асар дар асоси донишҳои илмӣ муайян гардида, таҳлил карда шудаанд, ки то ба имрӯз дар доираи ин асар анҷом дода нашудаанд. Нуктаи дигар дар самти навгонии таҳқиқот дар он аст, ки калима ва ибораҳои аслӣ, ки гурӯҳбандӣ карда шудаанд ва барои таҳвияту тавзеҳи онҳо аз матнҳои асар иқтибосҳо оварда шуда, унвонҷӯй масъалагузориҳоро бо як назари тоза ва хулосаҳои мушаххас ироа менамояд.

Аҳаммияти илмию назариявии таҳқиқоти Ҷ.Х. Раҳмоналиев дар фарогирии теъдоди васеи манобеъ ва дар ҷамъбастнамоии корҳои илмии муҳаққиқон оид ба коркарди масъалаи хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва услубию маъноии вожагон, омӯзиши маъноии калимаҳо дар асарҳо, таҳлили луғавии матн зоҳир мегардад ва дар ин замина таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки муносибатҳои нав дар таҳлили маъноиву услубии матн коркард шаванд ва муҳаққиқони минбаъда аз хулосаҳои он ба таври самаранок истифода намоянд.

Арзиш ва муҳиммияти амалию корбурди натиҷаҳои таҳқиқ дар мукаммалу мунтазамии омӯзиш ва таҳқиқи мунтазами ҷанбаҳои семантикӣ ва луғавии матнҳои бадеӣ зоҳир мегардад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкурро метавон дар омӯзиши забони тоҷикӣ бо фарогирии

давраҳои гуногуни таърихӣ ва тартиб додани луғатҳои соҳавӣ истифода намуд. Натиҷаҳои муфассали таҳлилӣ аз мавзуи мазкурро метавон ҳамчун пойгоҳ ва асоси амалии зарурӣ дар омӯзиш ва таҳияи луғатҳо дар забони тоҷикӣ, дар тартиб додани воситаҳои таълимӣ оид ба луғатшиносӣ, услубшиносӣ ва истилоҳшиносӣ, дар таҳияи корҳои гуногуни низ истифода намуд.

Диссертатсияи Ҷ.Х. Раҳмоналиев бо номи "Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ" ба хусусиятҳои луғавию семантикии «Кимиёи саодат» бахшида шуда, омӯзишу таҳлили забон ва услуби баёни «Кимиёи саодат», вижагиҳои маъноиву луғавии асарро дар бар мегирад ва дар асоси шиносномаи ихтисоси илмӣ ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст. Дар баробари ин увонҷӯй барои таҳқиқи мукаммал ва самаранок бо маводи фаровони амалӣ ва назарӣ кор карда, мафҳум ва таъбироту ифодаҳои нави илмиро вориди пажӯҳиш гардонидааст, ки ин низ ба арзиши илмию амалии таҳқиқот далолат мекунад.

Диссертатсияи Ҷ.Х. Раҳмоналиев мантиқан мураттабу устувор буда, қисматҳои гуногуни он бо ҳамдигар робитаи қавии мантиқӣ доранд ва аз муқаддима, 3 боб бо фаслҳои таркибӣ, хулоса ва феҳрасти манобеи истифодашуда иборат буда, матни он дар сатҳи хуби илмӣ таҳия шудааст.

Бо ҳамин тартиб унвонҷӯй дар самти таҳқиқоти худ муваффақона ба ҳадафи илмии худ расидааст, ки он омӯзиш ва баррасии вижагиҳои луғавию маъноии «Кимиёи саодат»-ро дар асоси маводҳои арзишманду боэътимод нишон медиҳад.

Дар ин замина диссертатсияи Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар мавзуи "Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, пешниҳод шудааст, ба талабот

чавобгӯй буда, унвончӯй сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои филология аст.

Роҳбари илмӣ:
Ректори Филиали Донишкадаи рушди
менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои филология
_____ Мухторов Зайнидин Мухторович

25.04.2022.

734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822